**ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-008-и НАЗДИ МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО» АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 07.07. с.2022, № 28

Барои сазовор донистани Гадоев Маъруф Аҳмадович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб.

Диссертатсияи дар мавзӯъи: «Хусусиятҳои клиникӣ-лабораторӣ ва такмили муолиҷаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш» аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ ба ҳимоя 26.04.с.2022 (протоколи №14) дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-008 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139), ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 373 аз 31.12.2021с. бо тағиру иловаҳо аз 01.07.с. 2022 №186 тасдиқ гардидааст, қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Гадоев Маъруф Аҳмадович, соли таваллудаш 1971, соли 1998 факултети педиатрии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»-ро аз рӯйи ихтисоси «Педиатрия» хатм намудааст. Аз соли 2019 то инҷониб дар вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул» фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ** –номзади илмҳои тиб Саидзода Бахромуддин Икром, дотсенти кафедраи дерматовенерологияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

**Муқарризони расмӣ**:

- Қосимов Олимҷон Исмоилович доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
- Юсупҷонова Ҷемма Махаматҷоновна номзади илмҳои тиб духтури силшиноси Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемориҳои сил»

Ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе дар хулосаи мусбии худ, ки бо имзои муқарриз Нуралиев Маҳмадалӣ Дӯстмуродович мудири кафедраи физиологияи патологӣ бо тибби судӣ, духтури бемориҳои пӯсту зуҳравӣ, номзади илмҳои тиб, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Гадоев М.А. аз рӯи мубрамият, навоварии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои анҷомдодашуда ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада ба талаботи боби 3, фаслҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардида, барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11 кори илмӣ, аз ҷумла аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 5 мақола, бо ҳаҷми умумии 1,9 варақи чопӣ ба нашр расонида шудааст, ки ин аз 80% саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

**Корҳои нисбатан муҳими илмӣ аз рӯи мавзӯи диссертатсия:**

1. Гадоев, М.А. Омӯзиши ҳолати масунӣ ҳангоми уретритҳои айригонококкӣ / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода // Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. - № 2. – С. 25-30. ISSN 0514-2415.

2. Гадоев, М.А. Клинико-иммунологические нарушения при негонококковых уретритах / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода // Паёми Сино. – Душанбе. – 2020. - № 1. – С. 40-44. ISSN 2074-0581
3. Гадоев, М.А. Особенности клинической течения уретритов у мужчин с репродуктивным нарушением / М.А. Гадоев, Ш.А.Сохибназаров, Б.И. Саидзода, // Илм ва фановарӣ (Наука и инноватсия). – Душанбе. – 2020г. - № 4. – С. 274-278. ISSN 2312-3648.
4. Гадоев М.А. Ҷараёни инкишофи сироятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар ҷумҳурии Тоҷикистон (2010 – 2019) / М.А. Гадоев, Б.И. Саидзода, М.М. Ахмедов, Ҷ.Т. Эмомалиев, Н.М. Нуруллаева // Авҷи Зухал. –Душанбе. – 2021. - № 2. – С. 70-75. ISSN 2616-5252.
5. Гадоев М.А. Ҳолати эпидемиологӣ вобаста ба сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2008 – 2017 / М.А. Гадоев // Авҷи Зуҳал. –Душанбе. – 2021. - № 4. – С. 44-50. ISSN 2616-5252.

Дар корҳои ба нашр расонидашуда масъалаҳои дар замони ҳозира мубрами эпидемиология, омилҳои хатарзо, клиника, иммунология ва муолиҷаи беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш кушода шудаанд.

**Ба диссертатсия ва автореферат 3 тақризи мусбӣ ворид шудаанд:**

1. Профессори кафедраи фтизиопулмонологияи МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино", доктори илмҳои тиб Сироҷиддинова Умринисо Юсуповна – эрод нест.
2. Асистенти кафедраи дерматовенерология бо курси косметологияи МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», номзади илмҳои тиб Салимов Баҳром Маҳкамович – эрод нест.

3. Сардухтури Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои пӯст», номзади илмҳои тиб Қосимзода Азизулло Мирзо – эрод нест.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, оид ба кори анҷомдодашуда эродҳо вуҷуд надоранд.

Дар тақризҳо мубрамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Гадоев М.А. кори ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбати ба соҳаи пӯсту зуҳравӣ ва силшиносӣ ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, корҳои илми дар ин соҳа ва талифотҳои илмӣ аз рӯйи мавзӯъи интихобшуда доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсионӣ оид ба мубрамияти мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои объэктивона дода метавонанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқотҳои анҷомдодаи илмӣ:**

**коркард карда шуд:** усулҳои нави муолиҷаи беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**пешниҳод шудааст**; таҳқиқотҳои комплесии иммунологӣ оид ба ташхиси сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш

**исбот шудааст:** перспективанокии истифодаи методҳои пешниҳодшудаи муолиҷаи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**ҷорӣ намудани:** омилҳои пайдоиши гузаронидани ташхисҳои муосир ва муолиҷаи беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудани:** самаранокии усулҳои пешниҳодшудаи муоличаи беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алокаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷояги бо сили шуш;

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷой дошта самаранок:** истифодаи комплекси метод ва усулҳои мавҷудаи заминавии таҳқиқотҳои иммунологӣ ҳангоми ташхис ва таҳлили натиҷаҳои муоличаи беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алокаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**баён шудани:** маълумотҳо оид ба омилҳои пайдоиши бемори, хусусиятҳои ҷараёни клиникӣ ва вайроншавиҳои иммунологӣ дар беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алокаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**ошкор гардидани:** бархурд ва муносибатҳои нав нисбат ба интихоби тактикаи муоличаи беморони бо дараҷаҳои гуногуни вазнинии сироятҳои урогениталии бо роҳи алокаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**омӯхта шуданд:** вайроншавиҳо дар системаи иммунӣ дар беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алокаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш.

**Аз нав такмил додани:** алгоритм ё методҳои табобат.

**Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** клиникӣ-иммунологӣ имкон дод, ки нақшаи табобати беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш ва алгоритми он таҳия шуд.

**коркард ва ҷорӣ карда шуданд:** усули ташхиси беморони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш. Нақшаи табобати комплексии азитромитсин ва иммуномодулятори тимогар бо муоличаи доруҳои зидисилӣ.

**муайян карда шуданд:** омилҳои пайдоиши беморон, дараҷаи вайроншавиҳои иммунологӣ ва самаранокии методҳои пешниҳодшудаи муолиҷа, ки дар тандурустии амалӣ истифода мешаванд;

**офарида шуд:** тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтаркунонии ташхис ва муолиҷаи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш, ки таҳқиқотҳои иммунологиро ҷиҳати арзёбии вазнинии сирояти урогениталӣ пешбинӣ менамояд;

**муаррифи карда шуд:** комплекси тавсияҳои амалӣ барои табибони дерматовенеролог, фтизиатрҳо, табибони оилавӣ ва акушер-гинекологҳо оид ба пешгирии сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш ва огоҳонидан аз инкишофи шаклҳои вазнини он.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки барои корҳои таҷрибавӣ:**

**назария** дар асоси омӯзиши маълумотҳои таҳқикотҳои патогенетикӣ ва клиникӣ-лабораторӣ сохта шудааст;

**ғоя асоснок шудааст:** ба маълумотҳои мушоҳидаи бисёрсолаи амалӣ аз болои мизоҷони сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои муаллифони варзидаи ватанию хориҷӣ такя менамояд;

**истифода шудаанд:** маълумотҳои адабиётҳо, ки пешакӣ барои дида баромадани мавзӯъ гирифта шудаанд ва усулҳои ҳозиразамони ташхис ва муолиҷаи сироятҳои урогениталии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш;

**муайян шудаанд:** мутобиқати назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо натиҷаҳои дар сарчашмаҳои мустақил оид ба мавзӯи мазкур овардашуда, ки дар маводи диссертатсияҳо пешниҳод гаштаанд (Мавров Г.И. ва ҳаммуаллифон, 2014; Голдсмит Л.А. ва ҳаммуаллифон, 2018; Lanjouw E. et al., 2015; Horner PJ et al., 2016; Batteiger TA et al., 2019).

**истифода карда шудаанд:** ба истифода аз бастаи стандартии барномаи Statistica 10.0 (StatSoft Inc., ИМА) анҷом дода шуд. Арзишҳои миқдорӣ дар

шакли арзиши миёна ва хатогии стандартии он (M ± m) тавсиф карда шуданд. Барои таҳлили фарқиятҳои байни гурӯҳӣ дар арзишҳои мустақили миқдорӣ, санҷиши Манн-Уитни, дар муқоисаҳои сершумор, H - меъёри Краскела-Уоллиса истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ муайян мегардад:** дар асосноккунӣ ва шаклдиҳии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, ташкили кор, ҷамъоварии маълумотҳои аввалия ва коркарди омории онҳо. Муаллиф натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада, коркард ва интерпретатсияи маълумотҳои таҷрибавии ба дастомадаро, ки дар шакли интишорот дар мақолаҳо ва тезисҳои илмӣ ҷамъбаст гаштаанд ва дар кори диссертатсионӣ ва автореферат навишта шудаанд, мустақилона таҳлил намудааст.

Дар маҷлиси 07 июли соли 2022 Шӯрои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Гадоев Маъруф Аҳмадович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд , ки аз онҳо 3 нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси 14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ.

Аз 15 нафаре, ки ба ҳайати Шӯро дохиланд, овоз доданд - 14 нафар, тарафдор – 14, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои тиб** **К.М. Муҳамадиева**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои тиб, дотсент** **Р.Ҷ. Ҷамолова**

**07.07. с.2022**

Имзои/Подпись К.М. Мухамадиева
Р.Ҷ. Ҷамолова
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ВРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ ВРК
07 07 2022 с/г